***ТДУ 8И***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-1-63-67***

***АФКОРИ ҲИКАМӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ СОИБИ ТАБРЕЗӢ***

***Ўрунова Мавҷуда Рустамовна,*** *н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ «ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***НРАВСТВЕННЫЕ РАЗМЫШЛЕНИЯ В ГАЗЕЛЯХ СОИБА ТАБРЕЗИ***

***Урунова Мавджуда Рустамовна,*** *к.ф.н., зав.кафедрой таджикской классической литературы ГОУ "ХГУ имени акад.Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

***MORAL REFLECTIONS IN SOIB TABREZI`S GAZELS***

***Urunova Mavjuda Rustamovna,*** *candidate of philological sciences, Associate Professor, head of the department of Tajik classical literature under the SEI "KSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),* ***E-mail:*** *umavchuda@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Соиби Табрезӣ, ғазалсароӣ, мавзӯъ ва мундариҷаи ғазалиёт, андешаҳои тарбиявию ахлоқӣ, мазмунсозиву маъниофарӣ, ҳунари суханварӣ*

*Соиби Табрезӣ аз ҷумлаи суханваронест, ки дар ғазалиёташ перомуни одобу ахлоқ, хосатан, фазилатҳои хисоли ҳамидаву зарари хислатҳои разилаи инсонӣ андешаҳои муфид баён сохтааст. Дар мақола аз хусуси ҷойгоҳи афкори тарбиявиву ахлоқӣ дар ашъори ин суханвари номӣ маълумот дода шудааст. Аз баррасиву таҳқиқи ғазалҳои шоир муаллифи мақола ба чунин натиҷа расидааст, ки ғазалиёти Соиби Табрезӣ саршор аз ақоиду андешаҳои тарбиявиву ахлоқӣ буда, хонандаи хешро аз баҳри беканори амсолу ҳикам файзёб мегардонад. Худи суханвар, ки аз зумраи афроди поктинату равшанзамир, боҳиммату назарбаланд, хайрандешу саховатпеша ва ростқавлу покизарӯзгор маҳсуб меёфт, бинобар ин, ашъораш ифодагари ин ҳама фазилатҳои инсонист. Афзудан ҷоиз аст, ки маҳз ҳамин мавзӯоти ашъор ва ҳунари сухангустарии Мавлоно Соиби Табрезӣ ашъори ӯро байни мухлисони шеъраш маҳбуб гардонида, мактаби шеъру ҳунари шоирии варо идомат бахшидааст. Афкору андешаҳои ҳакимонаи ӯ имрӯз низ метавонанд дар хури дарди ҷомеаи рӯ ба ҷаҳонишавӣ овардаистода гарданд.*

***Ключевые слова****: Соиб Табрези, сложение газелей, тема и содержание газелей, воспитательно-нравственные идеи, смыслосложение и семантика, риторика*

*Соиб Табрези - один из тех поэтов, которые в своих газелях высказывали полезные мысли о морали и нравственности, в частности, о достоинствах добродетелей и вреде дурных человеческих качеств. В статье представлена информация о месте воспитательной и нравственной мысли в поэзии этого известного поэта. Исследуя газели поэта, автор пришел к выводу, что газели Соиба Табрези полны воспитательных и нравственных идей и читатель наслаждается бесконечным миром пословиц и мудрости. Автор придерживается мнения, что сам поэт слыл человеком чистым, просвещенным, благородным, добрым, великодушным, честным и чистосердечным, поэтому в его стихах нашли отражение все эти благородные человеческие качества. Отмечается, что именно эти нравственные темы сделали поэзию Мавлоно Соиба Табрези популярной среди его поклонников и получили продолжение в его поэтической школе. Делается вывод о том, что мудрые мысли и идеи поэта даже сегодня не потеряли своей актуальности и могут быть использованы в воспитании современных людей в глобализирующемся обществе.*

***Key words:*** *Soib Tabrezi, ghazal composition, theme and content of ghazals, educational and moral ideas, meaning and semantics, rhetoric*

*Soib Tabrezi is considered to be one of those poets who in his ghazels expressed useful thoughts on morality, in particular, about merits of virtues and the dangers of bad human qualities. The article provides the data concerned with the place of educational and moral thought in the relevant famous poet`s poetry. From the study of the poet`s ghazels the author of the article came to the conclusion that Soib Tabrezi`s ghazels are full of educational and moral ideas, and the reader enjoys the endless world of proverbs and wisdom. In conformity with the author`s opinion one can assert that the poet himself, who was considered pure, enlightened, noble, kind, generous, honest and a sincere person, and therefore all these noble human qualities were reflected in his poems. It is underscored that it was these moral themes that made the poetry of Mavlono Soib Tabrezi popular among his fans and continued his poetic school. It*

*is concluded that the mentioned poet`s wise thoughts and ideas today can still be used in the education of modern people in a globalizing society.*

Ҳар як суханвар тавассути эҷози афкори рангину таровиши гуногунтарҳи килки гуҳаррезаш дар адабиёт ҷойгоҳи хоса дорад. Аз ҷониби аҳли сухан эътироф шудани шахсияти суханвар ва эътибор пайдо кардани маҳсули андешаҳояш ба қувваи тахайюл, маҳорати сухангустарӣ ва шеваи нигоришоти вай вобастагӣ дорад. Ба андешаи ин ҷониб баробари ин омилҳо дар қалбу зеҳни доираи фарохи мардумон роҳ ёфтани маҳсули қалами суханварон, қабл аз ҳама, дар ғунҷоиши афкори ҳакимона дар шеър аст. Чунки васфи ахлоқ аз мавзӯоти ҷовидонаи адабиёти ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, ашъори ҳакимӣ дар ҳама замон дархури ниёзи нафарони табақоти гуногун қарор гирифтааст.

Мақсад аз таълифи ин сатрҳо ба намоиш гузоштани мақому манзалати Соиби Табрезӣ дар такомули адаби форсӣ, муайян сохтани тарзи гӯишу баёни андешаҳои ҳикамӣ дар шеър ва ҷойгоҳи афкору ақоиди тарбияviву ахлоқии ин шоири шаҳир дар тавсеаи хулқи ҳамидаи аҳли башар маҳсуб меёбад. Воқеан, Мирзо Муҳаммадалии Соиби Табрезӣ аз маъруфтарин намояндагони сабки ҳиндӣ маҳсуб ёфта, дар эҷодиёташ муҳимтарин вежагиҳои ин сабк равшан зоҳир гардидаанд. Ӯ низ аз зумраи сухансароёне буда, ки ҷиҳати сувари хаёлоти бикр дар шеър ангезае дар зеҳни мухлисонаш афкандааст. Шоир аз наззораву муоинаи ҳар як воқеоти рӯзмарраи ҳаёту зиндагӣ барои худ бардоште ҳосил намуда, тавонистааст онро дар қолаби шеър барои ояндагон пайрезӣ намояд, то онҳо низ аз андешаву афкори ҳакимонаи ӯ суде бардошта бошанд. Соиби Табрезӣ дар ғазалиёти хеш дар радифи дигар мавзӯоти меҳварии ашъораш, мисли ишқу ирфону иҷтимоъ, мавзӯи ахлоқу тарбияро низ бо ҳунари хосаи суханварӣ пешкаши ҳаводорони қалами сеҳрофаринаш сохтааст.Интихоби вожаву иборот ва таркиботи хосу мувофиқ дар корбасти маънӣ, тахайюлоти бикр дар мазмунсозиву маъниофаринӣ, риояи фасоҳату балоғат дар сухан, бардошт аз воқеоти зиндагӣ ва рӯйдодҳои заминиву самоӣ, корбасти сураву ояҳои Қуръониву аҳодиси набавӣ, баҳрагирӣ аз рӯзгори ашхоси асотириву таърихӣ дар ифодаи афкори фалсафиву ирфонӣ, истифода аз санооти бадеии лафзиву маънавӣ, ба вижа тамсилу ирсоли масал дар шеър, интихоби авзони мувофиқ дар баёни мазомини ишқиву ирфонӣ ва иҷтимоиву ахлоқӣ аз ҷумлаи умдатарини вежагиҳои ашъори ин суханвари номӣ ба ҳисоб меравандд. Хоса, касрати корбасти саноеи тамсилу ирсоли масал ва иҳому талмеҳ дар шеър ва дафъатан даст ёфтан дар мазмунсозиву маънипардозӣ тавассути ин санъатҳои бадеӣ ашъори шоирро аз осори манзуми суханварони ҳамаҳдаш имтиёз мебахшад. Ин хусусиятҳоро, чуноне ки дар боло ишора рафт, метавонем ҳангоми баррасию таҳлили ашъори ҳакимонаи суханвар низ ба хубӣ пай бибарем.

Ашъори Соиб, хоса, ғазалиёти ӯ саршор аз ақоиду андешаҳои ахлоқӣ буда, хонандаи хешро аз баҳри беканори амсолу ҳикам файзёб мегардонад. Аз лобалои ашъораш маълум мешавад, ки Соиб худ инсоне поктинат, равшанзамир, назарбаланд, хайрандеш ва хушахлоқу покизарӯзгор будааст. Ӯ фардест чашмсеру бениёз аз неъматҳои зиндагӣ, ки гуфта:

***Рӯзии моро зи хони серчашмӣ додаанд,***
***Бениёз аз нозу неъматҳои алвонем мо*** *[13,с.51].*

Ҳамчунин:

***Неъмате чун серчашмӣ нест дар хони вуҷуд,***
***Бениёз аз баҳр дорад оби ин гавҳар маро*** *[13,с.55].*

Ҳамин қаноатмандии суханвар сабабгори аз тақдир ризоманд будани шоир гардидааст. Ӯ ифтихоромез таъкид менамояд, ки аз бениёзию қаноатгузинӣ миннат аз чарх нахоҳад кашид, зеро дар талоши ҷомаи алвон несту каъбавор соле ба қабое - ҷомаи Каъба – иборат аз атласи сиёҳ, ки аз Каъба ҳоҷиён барои табаррук оранд (8,с.457), қонеъ аст:

***Аз чарх миннати пари коҳе намекашам,***
***Гар устухон зи дард шавад тӯтиё маро…***
***Хун дар талоши ҷомаи алвон намехӯрам,***
***Соле бас аст каъбасифат як қабо маро*** *[13,с.70].*

Аз ҳамин лиҳоз, Соиб талқин намуда, ки инсон набояд дар талаби ризқ шаъни хешро паст намояд, бо ҳар касу нокас сарукордор бишавад, назди инсонҳои бемурувват даст пеши бар орад, аз он ки оби рафтаро ба ҷӯй баргардонидан имкон надорад. Чунончи:

***Марез оби рухи худ барои нон, к-ин об***
***Чу рафт навбати дигар ба ҷӯ намеояд*** *[13,с.507].*

Суханвар ҷои дигар таъкид намудааст, ки маҳз қаноат нигаҳбони обрӯи одамӣ асту вайро дар ин ҷаҳон аз оби чашмаи Кавсар файзёб мегардонад:

***Ҳар кӣ Соиб, аз қаноат кард ҳифзи обрӯ,***
***Дар ҳамин ҷо об аз сарчашмаи Кавсар кашид*** *[13, с.505].*

Ба андешаи Соиби Табрезӣ оне, ки қаноатпеша несту ҳамвора дар талоши тааллуқоти дунёи ҳастист, насибаш танҳо аз хору хас иборат асту бас, аз он ки чашми тамаъ ҳеч гоҳ сериро нахоҳад дид, шабеҳи магасе, ки чун ширинӣ ё чизи дигареро пайдо кард, ҳаргиз аз он ҷудо шуданро нахоҳад:

***То ту меларзӣ ба тору пуди ҳастӣ ҳамчу мавҷ,***
***Қисмат аз дарёи гавҳар хору хас бошад туро…***
***Чашми бешарми ту сериро намедонад, ки чист,***
***Дар талоши ризқ то ҳирси магас бошад туро*** *[13,с.56].*

Мирзо Соиб аз ғайбати халқ барҳазар буданро талқин намуда, таъкид месозад, ки инсон бояд кому забони хешро аз он пок дорад ва тамсил мезанад ба садафи дарё ва пурдур шудани онро аз покии даҳони садаф медонад, ки абри найсон бар ивази ин фазилати некаш насиб гардонидааст. Покии даҳони хешро садаф аз ҳамнишинӣ бо оби мусаффо ҳосил намудааст:

***Бувад ғайбати халқ мурдорхорӣ,***
***Бипардоз аз ин луқма кому забонро.***
***Зи гавҳар диҳад луқмаат абри найсон,***
***Агар чун садаф пок созӣ даҳонро*** *[13,с.129].*

Суханвар мардумро аз ғайбати ҳамдигар нигоҳ дошта, чунин меҳисобад, ки айбу нуқсони якдигарро рӯёрӯ гуфтан ҳунар аст ва аз айббини хеш ранҷидан камоли нодонист. Чунончи:

***Касе, ки айби туро пеши чашм бингорад,***
***Бибӯс дидаи ӯро, ки бар ту ҳақ дорад*** *[13,с.250].*

Соиби Табрезӣ инсонест равшандилу дидавар, ки он аз файзи хоксорӣ насибаш гардида ва мисоли гавҳар аз гарди ятимӣ шиквае надорад, зеро ҳамин хусусият (дурри ятим – гавҳари якто, ки мислаш набошад-М.Ӯ) онро равнақе дода:

***Хоксорист маро равшании дидаву дил,***
***Шиква аз гарди ятимӣ чу гуҳар нест маро*** *[13,с.127].*

Шоир дигаронро низ талқин менамояд, ки хоксорӣ пеша намоянд, то сарбаландӣ насибашон гардад. Аз он ки дона низ зимни гузидани батни хок ба нахли пойдоре мубаддал гардида:

***Зи файзи хоксорӣ дона нахли пойдоре шуд,***
***Ту гар аз по дароӣ, шаҳсаворе мешавад пайдо*** *[13,с.194].*

Мирзо Соиб пири хирад аст, аз ин рӯ, таъкид намуда, ки инсон бояд хасмро бо нармиву меҳрубонӣ адаб намояд, зеро хокистар низ аз нармӣ оташи сӯзонро зердасти худ гардонидааст, яъне аз оташи фурӯзон танҳо хокистар боқӣ мемонаду халос. Чунончӣ:

***Ба ҳамворӣ адаб кун хасми саркашро, ки хокистар,***
***Ба нармӣ зердасти хеш мегардонад оташро*** *[13,с.53].*

Ё ҷои дигар мегӯяд, ки инсони соҳибдил бояд душмани хунхорро ба хайру эҳсон дасткӯтоҳ созад ва тамсил мезанад ба ҳайвони дарранда - шер зеро барои шер аз шикамсерӣ дида каманди устуворе нест:

***Душмани хунхорро кӯтаҳ ба эҳсон соз даст,***
***Ҳеч занҷире беҳ аз серӣ набошад шерро*** *[13,с.102].*

Соиби Табрезӣ чун инсони нармдилу хушзабон андешае дорад, ки ин зумраи инсонҳо қалби сангин надоранд, ки ба василаи он ҳар лаҳза теғи забонро бурротар намоянд. Дуруштию дағалӣ ва теззабониву мардумозорӣ хоси сангиндилон аст, аз он ки фасон (қайроқсанг- М.Ӯ.) бо сахтиаш барои рехтани хун дар корзор шамшерро тез месозад:

***Фасон шамшерро дар хуннишонӣ тез месозад,***
***Набошад чун дили сангин, чӣ аз теғи забон хезад*** *[13,с.479].*

Лекин шоир чун инсони соибтаҷриба ҷонибдори он аст, ки ҷое, ки нармию хушзабонӣ кор намекунад, аз дуруштию дағалӣ гурез нест, зеро ки гуфтаанд: «Ҷои гул гул бошу ҷои хор хор». Таваҷҷуҳ карда шавад:

***Мекунад ҳамвор сӯҳон теғи ноҳамворро,***
***Ҳар куҷо бояд дурруштӣ кард, ҳамворӣ чӣ суд?*** *[13,с.317].*

Суханвар раҳмдилиро аз хислатҳои ҳамидаи инсонӣ медонад ва агар он нисбати зердастон зоҳир гардад, оромишу осудагие бар ҷисми забардаст хоҳад овард, аз он ки ҳар нафаре, ки нисбати одамони камтавон нармиву раҳмдилӣ зоҳир менамояд, нахуст тараҳҳум бар ҳоли худ

хоҳад овард. Инсони соҳибҷаҳлу ҷафопеша, дар тамсили суханвар, шереро мемонад, ки оташ дар найистон афканда ва ба газанди он гирифтор афтода:

***Бар заифон раҳм кардан, раҳм бар худ кардан аст,***
***Вой бар шере, ки оташ дар найистон афканад*** *[13,с.324].*

Душманро оҷизу нотавон шуморидан камоли нодонист, зеро дар иттифоқ онон қувваи азиме хоҳанд гардид ва барои нишон додани шабеҳу назир тамсил ишора менамояд ба қатори мӯрчагон, ки аз дур ба назар мисли мор метобад:

***Ҳазар кун зинҳор аз иттифоқи душмани оҷиз,***
***Ки чун пайваста гардад мӯр бо ҳам мор мегардад*** *[13,с.364].*

Хомӯшӣ аз фазилатҳои хуби инсонист, ки Мавлоно Соиб онро писандида ва таъкид намуда, ки аз нутқ дида хомӯшӣ файзбахши дилҳо аст. Суханвар барои исботи фикр байни нозу неъматҳои дастархону нутқ ва сарпӯши ону хомӯшӣ таносуби хуберо пайдо намуда, мазмуни ҷолиберо ба ҳам меорад:

***Зи мӯҳри хомӯшӣ дил файз меёбад зи нутқ афзун,***
***Зи неъмат беш сарпӯши хон бар хеш меболад*** *[13,с.315].*

Ба андешаи суханвар хомӯшӣ низ меъёру мавриде дорад, ҳамгоми зарурат сухан кардан ба манфиати шахс хоҳад буд. Зеро дар сурати изҳор надоштани озурдагӣ аз касе он оқибат боиси кулфат низ хоҳад гардид:

***Соиб, аз ҳар кас, ки дорӣ ранҷише изҳор кун,***
***Шиква чун дар дил гираҳ шуд, доги кулфат мешавад*** *[13,с.514].*

Мирзо Соиб хирадмандона андешаронӣ карда мегӯяд, ки шиква бурдан аз захми забони мардум нишони сабукист ва беҳтарин сипар аз забоноварии мардум гӯшро гарон овардан аст, ки дар мисраи дувум бо ифодаи хуби шоиронаи "худро аз гӯши гарон дар қалъаи оҳанӣ ҳифз намудан" ифода гардидааст:

***Шиква аз захми забон кардани мардум сабукист,***
***Қалъаи оҳанӣ аз гӯши гарон кун худро*** *[13,с.163].*

Қалби инсони соҳибдил на танҳо аз захми забони мардуми пастфитрату фурӯмоя тира мегардад, ҳатто нигоҳи каҷе боиси озурдахотирии вай мешавад, монанди он хор, ки дар назар хеле ночизу ҳақир аст, чун бар чашм меафтад аз сӯзан ҳам батар хоҳад буд:

***Дили нозук ба нигоҳи каҷе озурда шавад,***
***Хор дар дида чу афтод, кам аз сӯзан нест*** *[13,с.216].*

Аз ин боис Соиби Табрезӣ қайд менамояд, ки ҷудо аз ҳамдигар умр ба сар бурдани мардум ваҷҳи ширинии дидори онҳо бар ҳамдигар хоҳад гардид, шабеҳи он ки аз сабаби дорои хонаҳои алоҳида будан занбӯрони асал ба ҳам дӯсту тифоқанд:

***То чу занбӯри асал дар чашми ҳам ширин шаванд,***
***Беҳ, ки бошад хонаҳои дӯстон аз ҳам ҷудо*** *[13,с.79].*

Шоир файласуфона аз гузашти умр ҳадс зада, изҳор медорад, ки аз рафтани ин "корвон" - истиораи умр дилгарон будан нашояд, зеро оби равони умр аз истода хуштар аст, зеро ҳаёт барои инсон арсаи санҷишу имтиҳон аст дар роҳи бақои абадӣ ёфтан ва табиист, ки ёрон низ рафтагонро ҳамвора ба накӯӣ ёд мекунанд:

***Ёрони рафтаро ба накӯӣ кунанд ёд,***
***Гар умр мегузарад дилгарон мабош.***
***Оби равони умр зи истода хуштар аст,***
***Озурда аз гузаштани ин корвон мабош*** *[13,с.547].*

Дар тангнои умр ин шоири инсондӯст ҳамвора инсонҳоро ба роҳи рост ҳидоят карда, мехоҳад, ки эшонро ҳақшиносу ҳақпараст бинад. Аз ин лиҳоз, аксар андешаву афкори ахлоқиаш бо масоили ирфон имтизоҷе пайдо намуда ҷилои тозае касб менамоянд. Зеро ғараз аз тасаввуфу ирфон низ ҳамоно тарбияи инсони комил аст.

Ҳамин тариқа, ғазалиёти Соиби Табрезӣ саршор аз афкору андешаҳои ҳакимона буда, қироати ҳар як такбайти суханвар хонандаро ба андешаҳои амиқ водор месозад. Ҳукм кардан саҳв аст, ки ин андешаву гуфтаҳои суханвар ҳама тозаву бикранд, зеро то Мавлоно Соиб низ перомуни масоили зикршудаи ҳикамӣ хеле андешаҳо арзёбӣ гардидаанд. Фазилатҳои мумтози суханвар андешаронињои ин суханвари номӣ дар мазмунсозиву ибораороӣ, хаёлпардозиву паҳлугардониҳои сухан ва истифода аз ороёҳои бадеист. Шоир тавонистааст ҳар як андешаву афкори хешро тавассути мушоҳидаҳои ягон лавҳаи зиндагӣ собит намуда, шабеҳу назир ва ё сабабу иллати онро ба намоиш гузорад. Ҳамин ҳунари сухангустарии Мирзо Соиби Табрезӣ аст, ки аҳдофи тарбиявиву ахлоқиашро дар зеҳни хонанда пайрезӣ менамояд ва дар қалби вай майли мутолиаву маърифат ва ҳифзи ашъорашро бештар менамояд. Хулқу атвори хешро дар

тарозуи ақли хеш андоза мегузорад, ҳар чизи арзандаро сара месозад ва ҳар чизе, ки арзиш надорад, берун месозад. Метавон афзуд, ки маҳз ҳамин тарзу шеваи баёни андеша ва ҳунари сухангустарии Мавлоно Соиби Табрезӣ дар риштаи ахлоқу ҳикам низ ашъори ӯро байни мухлисони ашъораш маҳбуб гардонида, мактаби шеъру ҳунари шоирии варо идомат бахшидааст.

### ПАЙНАВИШТ:

1. Девони Соиби Табрезӣ. Бо эҳтимоми Ҷаҳонгири Мансур. Иборат аз ду ҷилд. - Теҳрон: Муассисаи интишороти Нигоҳ, 1384.-1896 с.
2. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1979.- 279 с.
3. Маонӣ, Аҳмад Гулчин. Фарҳанги ашъори Соиб /Аҳмад Гулчини Маонӣ. Иборат аз се ҷилд. - Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқот,1365.- 1652 с.
4.Муҳаммадзода, Сиддиқ.Шарҳи ғазалҳои СоибиТабрезӣ/С.Муҳаммадзода.-Теҳрон,1370.- 456 с.
5.Насриддинов, А. Сеҳри мубин / А.Насриддинов. - Хуҷанд, 1996.- 196 с.
6.Нуруллоева, М. Соиби Табрезӣ (пажуҳише дар ҳунари шоирӣ) / М.Нуруллоева. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. -78 с.
7.Пригарина, Н.И. Индийский стиль и его место в таджикско-персидской литературе / Н.И.Пригарина. -М., 1991.- 212 с.
8.Ромпурӣ, М. Ғ.. «Баҳори борон» - шарҳи «Гулистон» / М.Ғ.Ромпурӣ. - Лакҳнав: 1906. – 442 с.
9.Саъдиев, С. Адабиёти тоҷик дар асри ХУП / С.Саъдиев. - Душанбе: Дониш, 985. - 284 с.
10.Саидҷаъфаров, О. Соиби Табрезӣ ва вусъати мазмун дар ғазал / О. Саидҷаъфаров. –Душанбе: ДДМИТ, 2020. – 250 с.
11.Соиб ва сабки ҳиндӣ дар густураи таҳқиқоти адабӣ. Бо кӯшиш ва эҳтимоми Муҳаммад Расули Дарёгашт.- Теҳрон,1371.- 456 с.
12.Соиби Табрезӣ. Куллиёт. Бо муқаддима ва шарҳи ҳоли шоир аз Муҳаммад Аббосӣ. -Теҳрон: Исфанд,137.- 1834 с.
13.Соиб. Мунтахабот / Соиби Табрезӣ. – Душане: Ирфон, 1980. – 703 с.
14.Ӯрунова,М.Килки гавҳарбор /М.Ӯрунова.-Хуҷанд:Андеша,2012.-110 с.
15.Ҳотамӣ, А.Пажӯҳише дар сабки ҳиндӣ ва давраи бозгашти адабӣ/А.Ҳотамӣ.-Теҳрон,1342.- 234 с.
16.Шамисо,С.Сабкшиносии шеър/С.Шамисо.-Теҳрон,1346.-420 с.

### REFERENCES:

1. Soib Tabrezi`s Devon. Under the editorship of Jahongir Mansur. In two volumes. - Tehran: Nigoh Publ, 1384. - 1896 p.
2. Zehni, Turakul. Art of speech / T. Zehni. - Dushanbe: Cognition, 1979. - 279 pp.
3. Maoni, Ahmad Gulchin. Dictionary of Soib`s Poetry / Ahmad Gulchini Maoni. In three volumes. - Tehran: Institute of Studies and Research, 1365. - 1652 p.
4. Muhammadzoda, Siddiq. Commentary for SoibTabrezi`s ghazals / S.Muhammadzoda. - Tehran, 1370. - 456 p.
5.Nasriddinov, A. The Holy magic / A. Nasriddinov. - Khujand, 1996. - 196 pp.
6.Nurulloeva, M. Soibi Tabrezi (research in the art of poetry) / M.Nurulloeva. –Khujand: Light of Enlightenment, 2005. - 78 p.
7.Prigarina,N.I. Indian style and its place in Tajik-Persian literature/N.I. Prigarina. - M., 1991. - 212 p.
8.Rompuri, M. G. "Spring Rain" - review of "Guliston" / M. G.Rompuri. - Lucknow: 1906. - 442 p.
9.Sadiev, S. Tajik literature in the XVII-th century/ S.Sadiev. - Dushanbe: Knowledge, 985. - 284 p.
10. Saidjafarov, O. Soibi Tabrezi and the expansion of content in his ghazal / O. Saidjafarov. – Dushanbe, 2020. - 250 p.
11. Soib and the Indian style in the scope of literary research / under the editorship of Muhammad Rasul Daryagasht. - Tehran, 1371. - 456 p.
12. Soibi Tabrizi. Collection of compositions. With introduction and biography of the poet from Muhammad Abbas. - Tehran: Isfand, 137.- 1834 p.
13.Soib, T. Selected Works / S.Tabrezi. - Dushane: Cognition, 1980. - 703 p.
14.Urunova, M. Kilki gavharbor / M.Urunova. - Khujand: Andesha, 2012. - 110 p.
15. Hotami, A. Research in the Indian style and the period of literary return / A. Hotami. - Tehran, 1342. - 234 p.
16. Shamiso, S. Poetic Stylistics / S. Shamiso. - Tehran, 1346. - 420 p.